АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА
ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ

**ВБД:** 347.9 (575.3)
**ТКБ:** 67.404 (2Т)
**П** – 88

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ПӮЛОДЗОДА ШАҲНОЗАБОНУ ПӮЛОД**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАҲДУД НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛ (КОРУ ХИЗМАТРАСОНӢ) ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Душанбе – 2025**

**Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Раҳимзода Маҳмад Забир,** узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

**Сидиқов Дилшод Аҳрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданин факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «02» декабри соли 2025, соати $10^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон модели иқтисоди бозориро интихоб намуд. Бояд қайд кард, ки ин гузариш на аз шакли иқтисоди анъанавӣ, балки аз низоми фармонфармоию маъмурӣ бо моликияти комили давлатӣ бар молу мулк ва иқтисодиёте, ки пурра таҳти назорати давлат қарор дошт, сурат гирифт. Дар ин раванд, гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон амалӣ гардид.

Пас аз расидан ба истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иқтисоди бозориро қабул кард. Заминаи ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ дар моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1]. Барои пешрафти иқтисодиёт рақобат ҳамчун асос дониста мешавад. Бинобар ин, таъмини рақобат бояд кафолати давлатӣ дошта бошад. Яке аз монеаҳои таъмини рақобат фаъолияти инҳисорӣ мебошад.

Низоми нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар давраи истиқлолият инкишоф ёфт. Ҳамрадиф бо расидан ба истиқлолияти миллӣ, ҷомеаи мо шоҳиди дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид, ки бевосита ба рушди иқтисодиёт таъсир расонд. Дар ин замина, сохторҳои нави ҳуқуқӣ ташаккул ёфтанд, ки ба талаботи замони нав мутобиқ буда, барои рушди устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам оварданд.

Мубрамияти таҳқиқи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ аз нақши калидии он дар таъмини рушди иқтисодӣ ва пешрафти устувор сарчашма мегирад. Ин самт бевосита ба динамикаи равандҳои иқтисодӣ, сатҳи рақобатпазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъсир мерасонад. Вақте ки ширкатҳои алоҳида ё гурӯҳи субъектҳои хоҷагӣ дар бозор мавқеи ҳукумфармоӣ ба даст меоранд, онҳо қобилияти дасткорӣ ба нархҳо, назорати ҳаҷми истеҳсолот ва таъсир ба вазъи умумии

иқтисодиро пайдо мекунанд, ки ин ба истеъмолкунандагон оқибатҳои манфӣ расонида, пешрафти иқтисодиётро бозмедорад. Бояд таъкид кард, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, фаъолияти инҳисорӣ натиҷаи амалҳои мақсадноки субъектҳои хоҷагӣ дар бозори мол, кор ё хизматрасонӣ буда, принсипҳои рақобатро дар доираи ин бозор халалдор мекунанд.

Дар бозор ҳамчун объект мол, хизматрасонӣ ва корҳо арзёбӣ мегарданд. Ба ғайр аз маҳсулоти истеҳсолшуда, омилҳои муҳими истеҳсолот, аз қабили нерӯи корӣ ва сармоя низ ҳамчун унсурҳои мустақили бозорӣ мавқеи хос доранд [5, с. 88].

Субъектҳои хоҷагие, ки мавқеи инҳисорӣ доранд, ба воридшавии соҳибкорони хурд ва миёна ба бозор монеъ мешаванд, ки ин боиси паст шудани сифати мол ва болоравии нархҳо мегардад.

Илова бар ин, маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон муҳим аст.

Ҷиҳати дигари зарари фаъолияти инҳисорӣ дар он аст, ки он таваҷҷуҳи сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро ба иқтисоди кишвар коҳиш медиҳад.

Танзими меъёрии пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар соҳаи тиҷорати мол, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ нақши калидиро дар нигоҳдории рақобати одилонаи бозорӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон иҷро мекунад. Аммо воситаҳои ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон ба муқобили зуҳуроти инҳисорӣ истифода мешаванд, то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурати таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи онҳоро таъкид мекунад.

Аҳамияти омӯзиши масъалаҳои марбут ба маҳдуд кардани таъсири фаъолияти инҳисорӣ ва пешгирӣ аз амалияҳои рақобати бевиҷдонона аз эҳтиёҷ ба дарки хусусиятҳои низоми қонунгузории зиддиинҳисории Тоҷикистон, ошкор кардани камбудиҳои мушаххас, ки дар ҷараёни татбиқи он зоҳир мегарданд ва таҳияи пешниҳодҳо барои такмили он вобаста аст. Чунин равиш имкон медиҳад ки самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ баланд бардошта шуда, заминаи устувортар барои рушди муҳити рақобатпазир фароҳам оварда шавад.

Мубрамияти таҳқиқ инчунин дар он ифода меёбад, ки маҳз дар натиҷаи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ рушди рақобат таъмин мегардад. Агар фаъолияти инҳисорӣ набошад, зарурат ба рақобат вуҷуд надорад ва иқтисодиёт низ рушд намекунад.

Омӯзиши илмӣ ва амалии танзими фаъолияти инҳисорӣ заминаи муҳимро барои пешбурди рушди иқтисодии кишвар фароҳам оварда, дар такмили низоми қонунгузории миллӣ нақши муассир ва муайянкунандаро иҷро мекунад. Шумораи зиёди ҷанбаҳои илмию амалии ин проблематика таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Сухан дар бораи масъалаҳои марбут ба истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ дар бозор, танзими меъёрии фаъолияти ташкилотҳои дорои нуфузи назаррас, муқобилаят бо амалҳои рақобати бевиҷдонона, назорат бар равандҳои таъсис ва муттаҳидшавии субъектҳои хоҷагӣ, тақсим ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд ва дигар ҷанбаҳои марбут ба он меравад. Ин масъалаҳо таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд, зеро ҳалли онҳо бевосита ба ташаккули муҳити бозории одилона ва рушдёбанда, ки ба инкишофи иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мусоидат мекунад, таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, омӯзиши маҷмуии масъалаи баррасишаванда аз аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ бархурдор аст. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар адабиёти илмии ватанӣ ба таври амиқ таҳлил нашудаанд.

Айни замон, танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ яке аз мушкилоти зарурӣ ва таҳқиқталаб дониста мешавад, зеро ҷанбаҳои норавшан ва масъалаҳои аз доираи таҳлил берунмонда дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба чашм мерасанд. Илова бар ин, тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар доираи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври пурра омӯхта нашудаанд. Ҳамчунин,

консепсия ва нуқтаҳои назари ягонаи илмӣ вобаста ба ин масъала таҳия ва пешниҳод нагардидаанд.

Дар ин робита, омӯзиши низоми ҳуқуқии коҳиши фаъолиятҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва корҳо аз аҳамияти хоса бархурдор буда, таҳлили назариявӣ ва амалии ин мавзуъ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар соҳаи илми ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ таҳлил ва таҳқиқ нашудааст. Ин мавзуъ паҳлуҳои зиёдро дар бар мегирад, ки қисматҳои алоҳидаи он аз ҷониби иддае аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили алоҳида оид ба ин масъала мавҷуд нест. Ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур вобаста ба танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) аз корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Д.А. Алешин [2, с. 496], А.И. Варламова [3, с. 170], К.Ш. Ғаюрзода [4, с. 170], А.В. Золотухин [17, с. 34], А.Қ. Каримов [18, с. 137], А.С. Пулотов [6, с. 206], М.З. Раҳимзода [7, с. 294], [8, с. 94], [9, с. 557], [10, с. 400], [11, с. 392], [12], [13.], Д.Ш. Сангинзода [14, с. 424], Т.И. Султанова [15, с. 193], К.Ю. Тотев [16, с. 325], И.М. Шарипов [19, с. 176] истифода гардидааст.

Аммо мушкилоти танзими ҳуқуқии маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молҳо (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати таҳқиқоти комплексии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ба воситаи таҳлили ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот ба анҷом расонида шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи мавзуъҳои таҳқиқоти илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: «Такмили асосҳои ҳуқуқи хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2019» ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021–2025» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳаввули низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии назариявӣ ва амалии мушкилоти марбут ба маҳдуд намудани амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва корҳо, ҳамроҳ бо таҳқиқи хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар амал ифода меёбад. Ин таҳқиқот на танҳо ба ошкор кардани камбудиҳои низоми мавҷуда, балки ба пешниҳоди роҳҳои такмили он нигаронида шудааст, то рақобати одилона таъмин гардад ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор ҳифз карда шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Барои амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- омӯзиш ва мушаххас намудани моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили асосии монеъи рушди рақобати солим дар бозор;
- таҳқиқи таркиби иштирокчиёни дар амалияҳои инҳисорӣ ҷалбшуда ва нақши онҳо дар маҳдуд кардани рақобати бозорӣ;
- баррасии амалҳое, ки дар доираи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун амалияҳои инҳисорӣ тасниф мешаванд, бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо;
- ошкор ва таҳлили ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ;
- омӯзиш ва муайян намудани хусусияти амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд;

- таҳқиқи равандҳои таъсис, якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба муҳити рақобатпазир;

- таҳлили тартиби тақсим ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи танзими зиддиинҳисорӣ;

- таҳия ва асоснок намудани тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ, ки ба танзими фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, кор ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва таҳкими муҳити рақобатпазир.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳангоми маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор, хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд, ташкил медиҳанд. Илова бар ин, предмети таҳқиқот дастовардҳои илмӣ, андешаҳо ва нуқтаи назарҳои олимонро вобаста ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ ва таъмини рақобат дар бар мегирад.

**Марҳилаҳо, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистонро дар соҳаи маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ фаро мегирад.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2021–2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои маҳдуд намудани фаъолияти инҳисориро таҳлил кардаанд, ташкил медиҳанд. Барои омода намудани диссертатсия аз корҳои олимони ватанӣ, аз қабили Д.А. Алешин, И.Ю. Артемев, Е.Н. Белкин, В.А. Белов, В.С.

Белых, М.А. Ҷова, Ш.К. Ғаюрзода, Т.М. Звездина, А.В. Золотухин, А.Қ. Каримов, А.Ю. Кинев, Ҷ.С. Муртазозода, Н.А. Машкин, А.С. Пулодов, Д.А. Петров, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, Т.И. Султанова, А.С. Сталская, А.В. Спиридонова, К.Ю. Тотев, Н.Е. Фонарева, И.В. Ҷабуа, И.М. Шарипов, Ю.В. Шмелева ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, низомнок ва ҷамъбасткунанда истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ, барои таҳлил ва баррасии мафҳуми фаъолияти инҳисорӣ татбиқ гардидаанд.

Усули таҳлили мантиқӣ-лингвистӣ ба таҳлили дурусти истилоҳот, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуд. Бар асоси ин усул, истилоҳот, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ ба таври яқхела ва аз ҷиҳати мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод шудаанд.

Истифодаи усули диалектикӣ имкон дод, ки марҳилаҳои рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнок ва ҷамъбасти маводи меъёрӣ, илмӣ ва амалӣ, инчунин усулҳои муқоисавии ҳуқуқшиносӣ аз усулҳои махсуси илмӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор мераванд. Дар рафти таҳқиқот усулҳои мушаххаси илми ҳуқуқ, аз қабили расмӣ-ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқ, проблемавӣ-назариявӣ, низомӣ-сохторӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ ва ғайра фаъолона истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи омӯхташуда аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии мақомоти зиддиинҳисорӣ, дигар ҳуҷҷатҳои дохилӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи ин мақомот барои ошкор ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ истифода шудааст.

Илова бар ин, асоси меъёрию ҳуқуқии таҳқиқотро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, санадҳои вазорату идораҳо, инчунин амалияи татбиқи қонунгузорӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Зарурати воқеии анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ аз эҳтиёҷ ба таҳлили дақиқ ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни муқобилият бо амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, кор ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки бо таваҷҷуҳ ба омӯзиши механизмҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии онҳо нигаронида шудааст, то камбудиҳо ошкор ва роҳҳои такмили низоме, ки ба эҷоди муҳити рақобати бовиҷдонона ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунанд, пешниҳод гарданд. Бар асоси баррасии дақиқ ва муқоисаи нуқтаи назарҳои гуногуни олимон, инчунин санадҳои меъёрӣ ва маълумоти амалӣ, пешниҳодҳо оид ба такмили муқаррароти қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

**I. Нуктаҳои хусусияти назариявӣ дошта:**

1. Асоснок карда мешавад, ки инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ, бастани созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро маҳдуд мекунанд, зоҳир гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ мавҷуд нест. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ба ҳолате дахл дорад, ки як субъекти хоҷагидор дар бозори маҳсулоти мушаххас мавқеи бартарӣ дошта, ба иштирокчиёни нави хоҷагидор имкони воруд ба ин бозорро маҳдуд мекунад ё комилан пешгирӣ менамояд. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки ин холигӣ бояд бо роҳи ворид кардани таърифи дақиқи мавқеи ҳукумфармоӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бартараф карда шавад, ки ин имкон медиҳад заминаи ҳуқуқӣ мустаҳкам, шаффофияти танзим баланд ва муқобилаи босамар бо амалияҳои инҳисорӣ таъмин гардад, бо ин роҳ манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз ва ба рушди муҳити одилонаи бозорӣ мусоидат карда шавад.

2. Таъкид мегардад, ки гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бо робитаҳои молумулкӣ, ташкилӣ ё хешовандӣ пайвастанд. Чунин вазъият заминаи ҳуқуқии фаъолиятро фароҳам оварда, робитаҳои мутақобила байни иштирокчиёнро муқаррар мекунад ва имкон медиҳад, ки амалҳои баъзе аз ин шахсон нисбат ба дигарон пешакӣ муайян ё замина барои чунин муайянсозӣ таъмин гардад.

3. Таҳаввули заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудааст, ба якчанд марҳилаи муҳими таърихӣ тақсим карда мешавад, ки ҳар яке саҳми назаррас дар ташаккули низоми муосири танзим дорад:

а. Марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқие, ки рақобат ва муқобила бо тамоюлҳои инҳисориро танзим мекунанд, аз соли 1991 то соли 1994-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 заминаи асосиро барои сиёсати зиддиинҳисорӣ гузошт ва қадами аввал ба сӯи эҷоди шароит барои рақобати одилонаи бозорӣ буд.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо таҳияи чаҳорчӯбаи асосии қонунгузории ҳифзи рақобат ва маҳдудкунии амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007 идома ёфт. Дар ин давра, якчанд санадҳои муҳими меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул шуданд, ки дар маҷмуъ заминаи ҳуқуқии бештар сохторбандшударо барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва соҳибкорон ташкил доданд.

в. Марҳилаи сеюм, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад, талош барои муосирсозии танзими зиддиинҳисорӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти муосири

иқтисодиро инъикос мекунад, ки ба эҷоди муҳити устувор ва одилонаи бозорӣ мусоидат намуда, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозорро дастгирӣ мекунад.

4. Мавқеи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маънои маҳдуд, ин ҳиссаи мавҷудияти субъекти хоҷагидор дар бозор аст, ки аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд мебошад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои беназири субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад.

Нишонаи асосии мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозори маҳсулоти мушаххас, хизматрасонӣ ё корҳо ҳолате аст, ки субъекти хоҷагидор ҳиссаи назарраси бозорро ишғол карда, ин мавқеъ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ расман ҳамчун ҳукумфармоӣ эътироф шудааст, ки ин ба ӯ имкон медиҳад ба муҳити рақобатпазир таъсири ҷиддӣ расонад. Ин зарурати назорати қатъии мақомоти танзимкунандаро барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва нигоҳдории рушди одилонаи бозор таъкид мекунад.

5. Ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъи ҳама гуна созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, то хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд. Мушаххас карда мешавад, ки таърифи мафҳумҳои “картел” ва созишномаҳои уфуқӣ, ки дар банди 22-юми м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» оварда шудаанд, аз лиҳози мундариҷа хеле фарох буда, имкони бастани созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳое, ки рақиби якдигар нестанд, фароҳам меорад. Дар ин робита, зарур аст, ки ин таъриф бознигарӣ ва мушаххас карда шавад, то бо консепсияи картел, ки дар моддаи 7-и қонуни мазкур оварда шудааст, мутобиқ гардад ва шаффофият ва якхелагии танзими ҳуқуқӣ таъмин шавад. Ба андешаи муҳаққиқ, картел бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни

онҳое, ки дар як бозори маҳсулот фурӯшандаанд ё дар ҳамон бозор харидор мебошанд, баррасӣ шавад, ки ин зарурати назорати қатъии чунин созишномаҳоро барои ҳифзи рақобати одилона ва пешгирӣ аз зарар ба истеъмолкунандагон ва иқтисодиёт таъкид мекунад.

6. Асоснок карда мешавад, ки барои рушди рақобат ва пешгирӣ аз маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ азнавташкилдиҳии маҷбурии субъекти дорои мавқеи ҳукмфармоӣ зарур аст. Чунин азнавташкилдиҳӣ бояд тариқи тартиби судӣ анҷом дода шавад. Омили асосии тақсимоти маҷбурӣ, ба ақидаи муаллиф, набудани вобастагии молумулкии субъектҳои тақсимшаванда, набудани робитаҳои технологӣ байни воҳидҳои сохтории субъектҳои хоҷагидор ва имконияти фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

**II. Пешниҳодҳои хусусияти амалӣ дошта:**

Бо мақсади такмили низоми танзими зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) нигаронида шудааст, пешниҳод мегардад, ки моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо таърифи дақиқи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дар шакли зерин пурра карда шавад: «Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ тартиби ҳуқуқиест, ки бо ҳадафи мусоидат ба рушди рақобати солим ва шаффоф дар асоси қарори суд оид ба тақсим ё ҷудо кардани шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор дорад, дар ҳолати такроран анҷом додани амалҳои инҳисорӣ амалӣ мегардад, ки ба барқарорсозии муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад».

Илова бар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 18-уми м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки ба таърифи ҳуқуқии мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» бахшида шудааст, пас аз ибораи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораҳои «мухолиф ба принсипҳои ахлоқ ва

баробарӣ» илова карда шавад, то дақиқтар, пурра ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок гардад. Бо ин роҳ заминаи ҳуқуқии муқобила бо амалияҳои бевиҷдонона мустаҳкам ва ҳифзи боэътимоди манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки ба м. 2-и Қонуни ҶТ«Дар бораи ҳимояи рақобат» иловаи зерин ворид карда шавад: «Мавқеи ҳукумфармоӣ – ин суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз имкониятҳои афзалиятнок дар бозор муҳити рақобатиро маҳдуд месозад ва ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун тавсияҳо барои такмили қонунгузории амалкунандаи зиддиинҳисорӣ ва амалияи татбиқи он, дар раванди таълим, инчунин ҳангоми таҳия ва таълими курси махсуси «Ҳуқуқи рақобатӣ» истифода шаванд. Илова бар ин, нуктаҳои баррасишуда ва хулосаҳои дар асоси онҳо пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ таҳқиқот мебаранд, мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофшудаи Тоҷикистон, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаҳо ва дигар дастовардҳои дар муҳити илмӣ пазируфташуда, инчунин омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки метавонанд ба такмили қонунгузорӣ дар самти маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии шуъба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо пешниҳод ва муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, маърӯзаҳо дар конфронсҳои зерин пешкаш гардидаанд:

– Маводи маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ ENGLLESS LIGHT in SCIENCE – маърӯза дар мавзуи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ» (25 июли 2023). – Алматы, Қазоқистон, – С. 38–47;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115-солагии Академики АИ СССР Б. Гафуров» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 27.10.2023. Қисми 1. Ҳуқуқ, Иқтисодиёт – С. 153–158;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Рушд ва дастгирии рақобат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замин дар даврони муосир» –

маърӯза дар мавзуи «Фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун шакли маҳдудсозии рақобат» (13-уми октябри соли 2023);

– Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд» – маърӯза дар мавзуи «Тақсим ва ҷудо кардани маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ» (3-юми сентябри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 5 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳамияти мавзуи интихобшуда таъкид гардида, дараҷаи омӯзиши он аз дидгоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлил шудааст, усулҳои дар ҷараёни таҳқиқот истифодашуда номбар гардидаанд, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ошкор шудааст, навгонии илмӣ нишон дода шуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда формула карда шудаанд, инчунин арзиши назариявӣ ва амалии кор зикр гардида, натиҷаҳои тасвиби таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

Дар **боби аввали** таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки **«Танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, муҳаққиқ омӯзиши дақиқ ва ҳамаҷонибаи моҳият ва хусусиятҳои амалияҳои инҳисориро ҳамчун омили асосии маҳдудкунандаи рақобат анҷом дода, иштирокчиён ва объектҳои чунин амалияҳоро таҳлил намуда, инчунин заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки барои муқобила бо тамоюлҳои инҳисорӣ таҳия шудааст, баррасӣ мекунад, то нуқсонҳо ва афзалиятҳои онро муайян карда,

барои такмили минбаъдаи низоми ҳифзи муҳити одилонаи бозорӣ пешниҳодҳо пешкаш намояд.

Дар **зербоби якуми** ин боб, ки **«Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили маҳдудсозии рақобат»** ном дорад, муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона мекунад, ки амалияҳои инҳисорӣ, ки ҳамчун монеаи ҷиддӣ барои рушди рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ баромад мекунанд, яке аз мушкилоти тезу тунд дар идоракунии самараноки равандҳои иқтисодӣ буда, таҳлили амиқ ва таҳияи чораҳои мақсаднокро барои таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи иштирокчиёни бозор ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон талаб мекунад.

Машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд аз моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 12) ба миён омада, озодии он кафолат дода мешавад. Рақобати озод асоси рушди соҳибкорӣ ва пешрафти иқтисодӣ буда, ба баланд шудани сифати маҳсулот, коҳиши хароҷоти истеҳсолот ва афзоиши самаранокӣ мусоидат мекунад. Давлат тавассути санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», низоми бозориро идора намуда, заминаро барои рушди рақобати бевиҷдонона фароҳам меорад. Фаъолияти инҳисорӣ, ки аз ҷиҳати этимологӣ аз калимаи лотинии «mono» (як) ва юнонӣ «polein» (фурӯхтан) сарчашма мегирад ва маънои «фурӯшандаи ягона»-ро дорад, амалҳоеро аз қабили истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукумфармоӣ, бастани созишномаҳои монеъи рақобат ва амалҳои мувофиқашудаи маҳдудкунандаи муҳити рақобатпазир дар бар мегирад. Ин амалҳо ба муқаррар шудани нархҳои баланди инҳисорӣ, паст шудани сифати маҳсулот, набудани навоварӣ ва таваррум оварда мерасонанд. Намудҳои инҳисорот, аз қабили хусусӣ, ҷамъиятӣ, соф, табиӣ ва технологӣ, вобаста ба хусусиятҳои худ ба бозор таъсир мерасонанд. Масалан, инҳисороти табиӣ дар соҳаҳое, ба мисли интиқоли нерӯи барқ ё газ, ки дар онҳо рақобат аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайривоқеъбинона аст, бо қонун танзим карда мешаванд. Омилҳои пайдоиши

инҳисорот, аз ҷумла талоши ширкату ҷамъиятҳо ба ҳифзи молиявӣ, ҳамгироии амудӣ ва монеаҳо барои воридшавӣ ба бозор (таъсири миқёс, нархгузории стратегӣ), ба мустаҳкам шудани мавқеи онҳо мусоидат мекунанд.

Фаъолияти инҳисорӣ ғайриқонунӣ буда, бо қонун манъ шудааст ва боиси ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ мегардад (моддаи 273-и Кодекси ҷиноятии ҶТ). Созишномаҳои уфуқӣ (картелҳо) ва амудӣ, ки нархгузорӣ, тақсимоти бозор ё маҳдудияти истеҳсолотро дар бар мегиранд, ба муҳити рақобатпазир зарар мерасонанд. Таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла амрикоӣ (Қонуни Шерман) ва иттиҳоди аҳамияти қонунгузории зиддиинҳисориро барои пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ ва ҳифзи рақобати озод нишон медиҳад. Дар кишварҳои дигар, ба мисли Малайзия, Чин ва Ҳиндустон, қонунҳо низ ба ин мақсад хидмат мекунанд, аммо мушкилоти татбиқ, аз қабили коррупсия ва норасоии захираҳо вуҷуд доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти зиддиинҳисорӣ барои назорати бозор, пешгирӣ аз инҳисорот ва таъмини муҳити солим масъуланд. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ озодии шартномаҳо ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагонро кафолат дода, ба рушди бозори озод ва пешрафти иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

Дар **зербоби дуюми** боби аввал, ки **«Субъектҳо ва объектҳои фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, муҳаққиқ таваҷҷуҳро ба он равона мекунад, ки амалияҳои инҳисорӣ, ки ҳамчун монеаи ҷиддӣ барои рушди рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ баромад мекунанд, яке аз мушкилоти муҳим дар идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ буда, равиши комплексӣ ба танзимдорориро барои таъмини муҳити одилонаи бозорӣ талаб мекунад. Ҳаракати бомуваффақият ба суи иқтисоди пурраи бозорӣ танҳо тавассути мусоидати фаъол ба рақобати бовиҷдонона ва шаффоф, инчунин коҳиши пайвастаи зуҳуроти инҳисорӣ имконпазир аст, ки на танҳо ба пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад, балки ба манфиатҳои истеъмолкунандагон ҷавобгӯ буда, дастрасии онҳоро ба

молу хизматрасонии босифат таъмин намуда, рушди устувори иқтисодӣ ва некӯаҳволии ҷамеаро ҳавасманд мекунанд. Бахши хусусӣ, хусусан соҳибкории хурд ва миёна, дар ташаккули муҳити рақобатпазир, коҳиши камбизоатӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва рушди технологияҳо нақши муҳим дорад.

Субъектҳои фаъолияти инҳисорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки фаъолияти хоҷагидориро анҷом медиҳанд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», субъектҳои хоҷагидор ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, шахсони хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии расман ба қайд гирифташударо бо масъулияти мустақили молумулкӣ, моликияти ҷудошуда ва салоҳиятҳои хоҷагидорӣ дар бар мегиранд. Мафҳумҳои «субъекти хоҷагидор» ва «субъекти фаъолияти соҳибкорӣ» ба андешаи муаллиф ҳаммаъно буда, субъектҳои зикршударо дарбар мегирад. Гурӯҳи шахсон, ки ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор баррасӣ мешавад, иттиҳодияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиест, ки бо робитаҳои молумулкӣ, сохторию ташкилӣ ва функсионалӣ пайваст буда, имкон медиҳанд, ки беш аз 50% саҳмияҳо ё овозҳо назорат, қарорҳо дар доираи фаъолият таъсир ё таркиби мақомоти роҳбарикунанда муайян карда шаванд. Мафҳуми гурӯҳи шахсон барои пешгирӣ аз саркашӣ аз назорати зиддиинҳисорӣ, масалан, тавассути таъсиси филиалҳо, муҳим буда, имкон медиҳад, ки ҳиссаи воқеии бозор арзёбӣ гардад. Истеъмолкунандагон, ки мол ё хизматрасониро барои эҳтиёҷоти шахсӣ харидорӣ мекунанд, тарафи заиф дар муносибатҳои инҳисорӣ буда, аз амалҳои зиддирақобатӣ, аз қабили нархҳои баланд, шартҳои табъизомез ва маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳо зарар мебинанд. Муайян кардани истеъмолкунанда дар қонунгузорӣ нокифоя буда, эътирофи он ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи рақобатӣ нодуруст аст, зеро мафҳуми «субъекти хоҷагидор» дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ амиқ муайян карда шудааст. Объектҳои фаъолияти инҳисорӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, рақобат, ҳуқуқ ва манфиатҳои

истеъмолкунандагон ва тибқи м. 136-и Кодекси мадании ҶТ, инчунин неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (пул, коғазҳои қиматнок, натиҷаҳои кор, хизматрасонӣ, моликияти зеҳнӣ) ва ғайраро дар бар мегирад.

Фаъолияти инҳисорӣ ба инфиродӣ (истифодаи мавқеи ҳукумфармоӣ) ва коллективӣ (созишномаҳои маҳдудкунандаи рақобат) тасниф шуда, аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, гурӯҳи шахсон, мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ анҷом дода мешавад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо муайянсозии дақиқи субъектҳо ва объектҳо ба пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва таъмини муҳити солим мусоидат мекунад.

Дар **зербоби сеюми** боби аввал, ки **«Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, муаллиф қайд мекунад, ки соҳибкорӣ ҳамчун нерӯи пешбарандаи иқтисодиёт дар давлатҳои пешрафта тавассути таҳаввулоти чандинсола ҷорӣ шуда, дар Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ рушд кардааст. Ин раванд бидуни қонунгузории комил, ки заминаи устувор барои рушди муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёнро таъмин мекунад, имконнопазир аст. Дар Рими қадим (солҳои 473 ва 483) қонунҳои аввалини зиддиинҳисорӣ қабул шуда, дар асри XIX дар ИМА (Қонуни Шерман, 1890) ва Олмон (1896) низоми мукаммал ташаккул ёфтааст. Тоҷикистон низоми ҳуқуқие эҷод кард, ки ба иқтисоди бозорӣ мувофиқ буда, бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва миллӣ таҳия шудааст. Конститутсияи ҶТ (м. 12) озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат дода, заминаи рақобатро фароҳам меорад.

Ташаккули қонунгузории зиддиинҳисорӣ марҳилавӣ буда, ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобастагӣ дорад, онро дар ҷумҳурӣ ба марҳилаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: солҳои 1991–1994 (Қонуни соли 1993), 1994–2007 (қонунҳои солҳои 2000, 2006, 2007) ва аз соли 2017 (Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»). Қонунҳои асосӣ,  ба мисли «Дар

бораи инҳисороти табиӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ», инчунин санадҳои зерқонунӣ (қоидаҳои Хадамоти зиддиинҳисорӣ) муносибатҳои бозориро танзим мекунанд. Кодекси мадании ҶТ (қ. 2, м. 9) истифодаи ҳуқуқҳои маданиро барои маҳдудсозии рақобат манъ мекунад ва моддаи 58 азнавташкилдиҳии маҷбуриро пешбинӣ менамояд, гарчанде доираи амали он маҳдуд аст. Ҷавобгарии маъмурӣ (м. 543-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ) ва ҷиноятӣ (м.273-и Кодекси ҷиноятӣ) барои амалҳои зиддирақобатӣ муқаррар шудааст. Камбудиҳо, аз қабили набудани механизмҳои пешгирикунанда ва таваҷҷуҳи нокифоя ба ҷавобгарии маданӣ, такмили қонунгузориро талаб мекунанд.

Пешниҳодҳо таҳияи «Барномаи давлатии берун овардани иқтисодиёт аз зери инҳисорот» ва ворид кардани мафҳуми «мавқеи ҳукумфармоӣ» ба қонунро дар бар мегиранд. Санадҳои зерқонунӣ, ба мисли Феҳристи субъектҳои дорои мавқеи ҳукумфармоӣ ва қоидаҳои санҷишҳо, шаффофият ва адолатро таъмин мекунанд. Қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ низоми мустақилро ташкил дода, ба ҳифзи рақобат, маҳдудсозии инҳисорот ва рушди иқтисодиёт хидмат мекунад, аммо такмили минбаъда барои эҷоди муҳити солими рақобатпазир зарур аст.

**Боби дуюм**, ки **«Намудҳои фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, таҳлили масъалаҳои суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор, созишномаҳо (амалҳои мувофиқашуда), ки рақобати субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд мекунанд, ва рақобати бевиҷдононаро ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ фаро мегирад.

Дар **зербоби якуми** боби дуюм, ки **«Суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор»** ном дорад, муаллиф қайд мекунад, ки суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор яке аз монеаҳои асосӣ барои рушди иқтисоди бозорӣ буда, пешгирӣ ва маҳдуд кардани чунин амалҳо барои таъмини рақобати солим зарур аст. Рақобати озод ба навовариҳои илмӣ ва техникӣ, беҳтар шудани сифати маҳсулот, коҳиши

хароҷот ва дастрасии нархҳо мусоидат намуда, ба манфиатҳои истеъмолкунандагон хидмат мекунад. Мавқеи ҳукумфармоӣ  ҳолатест, ки дар он субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон имкони таъсири ҷиддӣ ба равандҳои муомилоти мол ё эҷоди монеаҳои назаррас барои дастрасии дигар иштирокчиён ба бозор доранд, ки ин зарурати назорати қатъии мақомоти зиддиинҳисориро барои таъмини рақобати одилона, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дастгирии рушди динамикии иқтисодиёт таъкид мекунад (м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»). Тибқи м. 4 мавқеи ҳукумфармоӣ эътироф мешавад, агар ҳиссаи субъект аз 35% зиёд бошад ё аз ҷониби мақоми зиддиинҳисорӣ бар асоси меъёрҳои устувории ҳисса ва дастрасии рақибон муайян гардад, аммо агар ҳисса аз 15% камтар бошад, бартарият эътироф намешавад. Суиистифода амал ё бефаъолиятиест, ки рақобатро маҳдуд карда, ба дигар субъектҳо зарар мерасонад, аз ҷумла хориҷ кардани мол аз муомилот, таҳмили шартҳои табъизомез, муқаррар кардани нархҳои инҳисорӣ ва радди беасос аз бастани шартномаҳо. Афзалиятҳои мавқеи ҳукумфармоӣ таъсир ба муомилоти мол, хориҷ кардани рақибон ва монеъ шудан ба дастрасии субъектҳои навро дар бар мегирад. Қонунгузории мадании ҶТ истифодаи ҳуқуқҳои маданиро барои маҳдудсозии рақобат манъ мекунад, аммо доираи амали он маҳдуд буда (м.9 КМҶТ), ба муносибатҳои маъмурӣ татбиқ намешавад.

Набудани таърифи «хориҷ кардани рақибон» номуайяниҳоро ба вуҷуд меорад, ки такмили қонунгузориро талаб мекунад. Дар бозори молиявӣ мавқеи ҳукумфармоӣ эътироф мешавад, агар ҳиссаи ду ташкилот аз 50% ё се ташкилот аз 70% зиёд бошад, аммо мушкилоти бахши бонкӣ, ба мисли фоизи баланди қарзҳо ва идоракунии ғайрисамаранок, рушди соҳибкориро маҳдуд мекунад. Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо (моддаи 102-и Шартнома) суиистифодаҳоро, аз қабили нархгузории ноодилона ва маҳдудияти истеҳсолот, манъ мекунад, дар ҳоле ки Фаронса ба бозорҳои кишоварзӣ, Италия ба муттаҳидшавӣ ва Британияи Кабир ба ҳифзи истеъмолкунандагон таваҷҷуҳ

дорад. Намудҳои суиистифода истисноӣ (нархгузории паст, рад аз муомила) ва табъизомез (нархҳои гуногун, шартҳои ноодилона)-ро дар бар мегирад, ки ба муносибатҳои бозорӣ ва истеъмолкунандагон зарар мерасонад. Қонунгузории ИА нисбат ба ИМА васеътар буда, амалҳои ғайримустақими зарароварро низ пешгирӣ мекунад. Мақомоти зиддиинҳисорӣ барои исботи ҳуқуқвайронкуниҳо масъуланд, аммо таҳлили иқтисодӣ ва далелҳои воқеъбинона барои шаффофият ва адолат муҳиманд. Муосирсозии заминаи меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҷорӣ кардани таърифҳои дақиқ ва равшан, инчунин танзими пешакӣ бозорҳои рақамӣ, чораи муҳим барои таъмини рақобати боинсоф ва шаффоф буда, на танҳо ҳуқуқи соҳибкорон ва истеъмолкунандагонро ҳифз мекунад, балки муҳити устувори иқтисодиро барои навоварӣ ва тақсимоти одилонаи имкониятҳо дар шароити иқтисоди рақамии босуръат рушдёбанда эҷод мекунад.

Дар **зербоби дуюми** боби дуюм, ки **«Созишномаҳо (амалҳои мувофиқашуда)-и маҳдудкунандаи рақобати субъектҳои хоҷагидор»** ном дорад, муаллиф таъкид мекунад, ки рақобати озод унсури калидии иқтисоди бозорӣ буда, ба навоварӣ, беҳтар шудани сифати маҳсулот ва манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад, аммо созишномаҳои зиддирақобатӣ ин муҳитро вайрон карда, ба иқтисодиёт зарар мерасонанд. Ҳифзи рақобати бевиҷдонона ва коҳиши амалҳои инҳисорӣ вазифаи муҳими давлат буда, шаффофияти бозор ва баробарии соҳибкоронро таъмин мекунад. Созишномаҳои зиддирақобатӣ, ба мисли картелҳо (уфуқӣ) ва трастҳо (амудӣ), тавассути муқаррар кардани нархҳо, назорати истеҳсолот ва тақсимоти бозор рақобатро маҳдуд мекунанд. Дар охири асри XIX чунин созишномаҳо барои бартараф кардани бӯҳрон мусбат арзёбӣ мешуданд, аммо баъдан зарари онҳо ошкор гардид, ки боиси қабули Қонуни Шерман (ИМА, 1890) шуд. Дар ИА моддаи 101-и Шартнома созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашударо манъ мекунад, ва моддаи 101(3) истисноҳо барои созишномаҳои муфидро пешбинӣ менамояд. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи

ҳимояи рақобат» картелро ҳамчун амалҳои мувофиқашудаи рақибон муайян карда, созишномаҳои уфуқӣ ва амудиро манъ мекунад (м.7). Картелҳо нархҳоро муқаррар карда, бозорро тақсим дар музоядаҳо суиистифода ва маҳдудияти истеҳсолотро муайян менамоянд, ки боиси коҳиши интихоби истеъмолкунандагон ва болоравии нархҳо мегардад. Созишномаҳои амудӣ, ба мисли тақсимоти истисноӣ ва таъминот, байни харидор ва фурӯшанда баста шуда, агар ба рақобат зарар нарасонад, иҷозат дода мешаванд, аммо метавонанд барои рақибон монеа эҷод кунанд. Франчайзинг ва низомҳои тақсимоти интихобӣ низ метавонанд натиҷаҳои мусбат (беҳтар шудани маркетинг) ва манфӣ (маҳдудияти рақобат) дошта бошанд. Мубодилаи иттилоот дар бораи нархҳо байни рақибон ғайриқонунӣ буда, ба ташаккули картелҳо оварда мерасонад, аммо тавассути мақомоти мустақил бо нигоҳ доштани ноаёнӣ иҷозат дода мешавад.

Таъкид мешавад, ки таърифи мафҳуми «картел», ки дар банди 22-юми м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» муқаррар шудааст, аз лиҳози мундариҷа аз ҳад васеъ буда, имкони дохил кардани созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳое, ки рақиб нестанд, ба ин категорияро фароҳам меорад ва ин метавонад боиси норавшаниҳо дар татбиқи ҳуқуқ ва таъсири манфӣ ба рақобати бевиҷдонона гардад. Аз ин рӯ, мутобиқсозии таърифи картел, ки дар банди 22-юми м. 2 пешбинӣ шудааст, бо мафҳуми картел, ки дар м. 7-и ин қонун зикр гардидааст, мувофиқи мақсад шумурда мешавад, ё онро бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни онҳое, ки маҳсулотро дар як бозор мефурӯшанд, ё байни субъектҳое, ки маҳсулотро дар ҳамон бозор харидорӣ мекунанд, муайян кард, то шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин гардад [13].

Дар ИМА қоидаи «per se» созишномаҳои уфуқиро ғайриқонунӣ эътироф мекунад, дар ҳоле ки созишномаҳои амудӣ тибқи қоидаи «ақл» арзёбӣ мешаванд. ИА таҳлили иқтисодиро барои муайян кардани оқибатҳои созишномаҳо истифода мебарад. Созишномаҳои амудӣ агар нархҳои

бозфурӯшро муқаррар кунанд ё хариди молҳои рақибонро маҳдуд созанд, манъ карда мешаванд. Оқибатҳои манфии созишномаҳои амудӣ монеаҳо барои воридшавии рақибон, коҳиши рақобат ва тақсимоти минтақавиро дар бар мегиранд. Таҳлили низоми шартномаҳо барои арзёбии воқеии таъсир ба бозор муҳим аст. Қонунгузории ҶТ бояд бо истифода аз таҳлили иқтисодӣ ва назорати самаранок такмил дода шавад, то аз созишномаҳои зиддирақобатӣ пешгирӣ карда, муҳити рақобати боинсоф таъмин гардад.

Дар **зербоби сеюми** боби дуюм, ки **«Рақобати бевиҷдонона ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, муаллиф хулоса мекунад, ки рақобати бевиҷдонона ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ ба рушди рақобати озод, ки унсури асосии муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад, монеъ шуда, шаффофияти муҳити бозорӣ ва баробарии иштирокчиёнро вайрон мекунад. Рақобати бевиҷдонона ҳамчун амалҳои субъектҳои иқтисодӣ муайян мешавад, ки ба дарёфти бартариҳои ғайриқонунӣ нигаронида шуда, ба иштирокчиёни дигари бозор зарари воқеӣ ё эҳтимолӣ расонида, обрӯи онҳоро дар муҳити тиҷоратӣ паст карда, ба эҷоди шароити баробар барои рақобати боинсоф монеъ мешаванд, ки ин аҳамияти танзими қатъиро барои ҳифзи соҳибкорон, истеъмолкунандагон ва рушди устувори иқтисодиёт таъкид мекунад. Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи инсоф амал карданро муқаррар карда, субъектҳоро ба рафтори оқилона, одилона ва боинсоф, аз ҷумла риояи меъёрҳои ахлоқи тиҷоратӣ ва рафтори касбӣ вазифадор менамояд. Бовиҷдонӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои объективӣ (меъёрҳои ҳуқуқӣ) ва субъективӣ (ахлоқ) муайян шуда, вайрон кардани он ба озодии рақобат ва фарҳанги ҳуқуқии соҳибкор муқобил мебошад. Конвенсияи Париж рақобати бевиҷдононаро ҳамчун амалҳое муайян мекунад, ки ба ахлоқ дар моликияти саноатӣ муқобил аст, ки нисбат ба таърифи рақобати бевиҷдонаи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда васеътар аст. Аз ин ҷо, пешниҳод мешавад, ки таърифи рақобати бевиҷдонона дар м. 2-и қонун

мавҷудбуда, ба талаботи Конвенсияи мазкур мутобиқ карда шуда, ифодаи «принсипҳои ахлоқ ва адолат» илова гардад ва банди «амалҳои дигари зиддирақобатӣ» дохил карда шавад. Ҳамзамон, назариячиён рақобати бевиҷдононаро ҳамчун амали гуногун тавсиф мекунанд: О.А. Городов – ҳамчун вайронкунии меъёрҳои бозорӣ, А.А. Одинсов – амалҳои мухолиф ба қоидаҳо, Ю.И. Свадост – рафтори мухолифи ахлоқ, В.И. Еременко – амали гунаҳкоронаи ғайриқонунӣ, М.З. Раҳимзода – ҳуқуқвайронкунӣ. Намудҳои рақобати бевиҷдонона истифодаи ғайриқонунии нишонаҳои тиҷоратӣ, паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, муқоисаи нодуруст (манфӣ ё мусбат), рекламаи бевиҷдонона ошкор кардани сирри тиҷоратӣ дахолат ба фаъолияти рақиб ва ғайра мебошад. Онҳо боиси оқибати зарари молумулкӣ, паст шудани обрӯи тиҷоратӣ, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон ва вайрон шудани муҳити рақобатпазир мегарданд.

**Боби сеюми** диссертатсия, ки **«Чораҳои маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ»** ном дорад, ба таҳлили масъалаҳои азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз бахшида шудааст.

Дар **зербоби якуми** боби сеюм, ки **«Азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагӣ»** ном дорад, муаллиф қайд мекунад, ки азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор як воситаи муассири пешгирӣ аз фаъолияти инҳисорӣ дар муҳити бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба таъмини шаффофияти бозор, баробарии соҳибкорон ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон нигаронида шудааст. Тибқи м. 58-и КМ ҶТ, азнавташкилдиҳӣ шаклҳоро, аз қабили муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимот, ҷудокунӣ ё табдилро дар бар гирифта, бар асоси қарори таъсисдиҳандагон ё мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад, ки дар он ҳуқуқу ухдадориҳо қатъ намешаванд, балки ба шахси ҳуқуқии дигар интиқол меёбанд. Азнавташкилдиҳии ташкилотҳо метавонад аз ҷониби таъсисдиҳандагон ба таври ихтиёрӣ бо мақсади мутадтадилгардонии тиҷорат оғоз гардад ё ба таври

маҷбурӣ бо қарори суд ҳамчун чораи пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ ва барқарорсозии муҳити рақобатпазир анҷом дода шавад, ки ин аҳамияти назорати ҳуқуқиро барои ҳифзи манфиатҳои бозор ва истеъмолкунандагон таъкид мекунад. Раванди муттаҳидшавӣ иттиҳоди ду ё зиёда шахси ҳуқуқиро ба як ташкилоти нав бо мақсади тақвияти мавқеи бозорӣ ифода мекунад, ҳамроҳшавӣ дохилшавии як ширкату ҷамъияти хоҷагӣ ба сохтори дигаре бо нигоҳ доштани шахсияти онро дар бар мегирад, тақсимот ба ташаккули якчанд субъектҳои мустақил аз як ташкилот оварда мерасонад, ки ба ғайримарказикунонӣ ва рақобат мусоидат мекунад, ҷудокунӣ сохтори мустақилро эҷод мекунад, ки имкон медиҳад самтҳои алоҳидаи тиҷорат ҷудо карда шаванд ва табдил шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро тағйир дода, онро ба воқеиятҳои нави иқтисодӣ ва талаботи меъёрӣ мутобиқ мекунад, ки дар маҷмуъ мураккабӣ ва гуногуншаклии тарзи идоракунии равандҳои бозориро инъикос мекунад.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», азнавташкилдиҳии субъектҳое, ки сармояи оинномавии онҳо аз 50,000 нишондиҳанда ё дороиҳояшон аз 100,000 нишондиҳанда зиёд аст, иҷозати пешакии мақоми зиддиинҳисориро барои пешгирӣ аз инҳисорот талаб мекунад (м. 25). Барҳамдиҳӣ ё тақсимоти субъектҳое, ки дороиҳояшон аз 25,000 нишондиҳанда зиёд буда, мавқеи ҳукмфармоӣ дошта эҷод мекунанд, низ таҳти назорат қарор мегирад. Назорати зиддиинҳисорӣ ба пешакӣ (қабл аз азнавташкилдиҳӣ) ва баъдӣ (пас аз он) тақсим шуда, дархостҳо бо дарназардошти маълумот дар бораи фаъолият, истеҳсолот ва фурӯш санҷида мешаванд. Моддаи 27-и қонуни мазкур азнавташкилдиҳии маҷбуриро барои субъектҳои дорои мавқеи ҳукмфармоӣ дошта, ки ба таври мунтазам (беш аз ду маротиба дар се сол) қонунро вайрон мекунанд, пешбинӣ мекунад. Ин раванд бо қарори суд дар шакли тақсимот ё ҷудокунӣ анҷом дода шуда, суд идоракунандаи берунаро таъйин мекунад, ки тавозуни тақсимот ва ҳуҷҷатҳои таъсисиро барои тасдиқ ба суд

пешниҳод мекунад. Шартҳои азнавташкилдиҳии маҷбурӣ эҷоди сохторҳои мустақил, набудани вобастагии технологӣ (ҳаҷми истеъмоли маҳсулот на бештар аз 30%) ва имкони фаъолияти мустақили субъектҳои навро дар бар мегирад. Суд ҳамаи шартҳоро баррасӣ намуда, қарори мутавозин барои таъмини рақобати бевиҷдононаро қабул мекунад. Азнавташкилдиҳии маҷбурӣ мавқеи ҳукумфармоӣ доштаро коҳиш дода, шумораи субъектҳои мустақилро зиёд мекунад. Бақайдгирии давлатии субъектҳои нав тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» анҷом дода мешавад, аммо набудани тартиби махсус барои азнавташкилдиҳии маҷбурӣ норавшаниро ба вуҷуд меорад. Камбудиҳо, ба мисли набудани таърифи «азнавташкилдиҳии маҷбурӣ» дар қонунгузорӣ ва норавшании бақайдгирӣ, ислоҳро талаб мекунанд.

Аз ин ҷо пешниҳод карда мешавад, ки таърифи азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар м. 27 Қонуни зикршуда ҳамчун: «Раванди ҳатмӣ бо қарори суд барои тақсимот ё ҷудокунии субъектҳои дорои мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ки амалҳои инҳисорӣ анҷом медиҳанд, бо мақсади рушди рақобат», муқаррар карда шавад. Илова бар ин, бояд тартиби бақайдгирӣ дар м. 11-и қонуни бақайдгирӣ мушаххас, тартибҳои омехтаи азнавташкилдиҳӣ иҷозат дода шуда, ҳуқуқи интихоби ҳамроҳшавӣ ба субъектҳои амалкунанда пешбинӣ гардад. Назорати мақомоти зиддиинҳисорӣ, аз ҷумла даъвоҳо оид ба бекор кардани бақайдгирии ғайриқонунӣ, барои пешгирӣ аз вайронкуниҳо муҳим аст. Азнавташкилдиҳии маҷбурӣ ҷазо нест, балки воситаи таъсир ба сохтори бозор буда, ба рушди рақобат ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

Дар **зербоби дуюми** боби сеюм, ки **«Танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз»** ном дорад, муаллиф пас аз таҳлил қайд мекунад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими пешгирӣ аз амалҳои инҳисорӣ ва таъмини рақобати бовиҷдонона дар муҳити бозорӣ мебошад. Мафҳуми

«шахсони бонуфуз» дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар шароити мураккаб шудани муносибатҳои иқтисодӣ пайдо шуда, аз истилоҳи англисии «to affiliate» (пайваст кардан) сарчашма гирифта, ба робитаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии байни субъектҳо ишора мекунад. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», шахсони бонуфуз ҳамчун шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие муайян мешаванд, ки қобилияти таъсири назаррас ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва динамикаи бозори молро доранд (м.13), ки ин нақши калидии онҳоро дар ташаккули муҳити рақобатпазир ва зарурати назорати қатъиро барои пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ таъкид мекунад. Ҳамзамон, Қонуни ҶТ «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» чунин шахсонро ҳамчун субъектҳое тавсиф мекунад, ки қодиранд ба фаъолияти бозори саҳмияҳо таъсир расонанд, ки ин имконияти онҳоро дар идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ ва равандҳои бозорӣ инъикос карда, таваҷҷуҳи махсуси мақомоти танзимкунандаро барои таъмини шаффофият ва адолат талаб мекунад.

Мутобиқи м. 3-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», ба категорияи шахсони бонуфуз аъзои шӯрои директорон, шахсони дохили мақомоти иҷроияи идоракунии ҷамъият, инчунин саҳмдорон, ки беш аз 20% саҳмияҳои дорои ҳуқуқи овоздиҳиро доранд, дохил мешаванд, ки ин таъсири онҳоро ба қарорҳои стратегӣ ва зарурати танзими қонунӣ барои ҳифзи манфиатҳои саҳмдорони хурд, истеъмолкунандагон ва дастгирии рушди устувори иқтисодиёт таъкид мекунад. Дар ИМА шахсони бонуфуз директорон, мансабдорон ва саҳмдоронро бо 10% ва зиёда саҳмияҳо, ки ба иттилооти дохилӣ дастрасӣ доранд ва аз ҷониби Комиссияи коғазҳои қиматнок қатъиян танзим мешаванд, дар бар мегиранд. Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат ташкилотҳои бонуфузро ҳамчун ташкилотҳои соҳибкорон ва коргарон муайян мекунад. Шахсони бонуфуз тавассути робитаҳои ташкилӣ, шартномавӣ ва молумулкӣ (масалан, назорати 20% овозҳо) ба субъектҳо таъсир расонида, қарорҳои онҳоро дар

муомилоти граждани̅ идора мекунанд. Фарқи онҳо аз «гурӯҳи шахсон» дар доираи васеътар ва дараҷаи гуногуни робита аст; гурӯҳи шахсон субъекти маҳдуди зиддиинҳисори̅ буда, хешовандонро дар бар мегирад, аммо онҳо шахсони бонуфуз эътироф намешаванд, зеро робитаҳои хешованди̅ ба инҳисорот алоқаманд нестанд. «Шахси бонуфуз» категорияи қонунгузории корпоративи̅ (ташкилотҳои хусуси̅) ва «гурӯҳи шахсон» – зиддиинҳисори̅ мебошад.

Уҳдадориҳои шахсони бонуфуз тибқи м. 9-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳоми̅» огоҳии хатти̅ дар бораи саҳмияҳояшон дар давоми 10 рӯз ва ҷавобгари̅ барои зарарро дар бар мегирад. Моддаи 55-и Қонуни ҶТ «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» амалиёт бо иттилооти махфи̅, интиқоли он ба шахсони сеюм ва тавсияҳои ғайриқонуниро манъ мекунад. Танзим дар Тоҷикистон пурра ба роҳ монда нашудааст; таърифи васеъ дар м. 13-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» ғайрисоҳибкоронро низ фаро гирифта, мушкилоти татбиқ эҷод мекунад. Набудани меъёрҳои махсуси назорати зиддиинҳисори̅ ва механизмҳои таъсир ба шахсони бонуфуз ба пешгири̅ аз амалҳои инҳисори̅ монеъ мешаванд.

Пешниҳод мешавад, ки таърифи шахсони бонуфуз дар м. 2-и қонун ягона карда шуда, ба фаъолияти соҳибкори̅ маҳдуд, меъёрҳои махсуси назорат ҷори̅ ва механизмҳои таъсир тақвият дода шаванд. Шахсони бонуфуз аъзои мақомоти идоракуни̅, саҳмдорон ва мушовиронро дар бар мегиранд ва назорати онҳо барои шаффофияти бозор, баробарии иштирокчиён ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон зарур аст. Танзими муассир ва мушаххас кардани қонунгузори̅ метавонад муҳити одилонаи бозориро таъмин кунад.

## ХУЛОСА

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод кард:

1. Таъкид кардан муҳим аст, ки инҳисор амалҳои субъектҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки бо ишғоли мавқеи ҳукмфармои̅ дошта дар бозори мушаххаси мол (кор,

хизматрасонӣ) монеаҳои ҷиддӣ барои дастрасии дигар иштирокчиён ба ин бозор эҷод намуда, имкониятҳои рақобати бовиҷдононаро маҳдуд мекунанд ва ба рушди гуногунии пешниҳодҳо (молу хизматрасонӣ) барои истеъмолкунандагон халал мерасонанд. Чунин амалияҳои инҳисорӣ метавонанд ба пайдоиши шароити рақобати бевиҷдонона, аз ҷумла муқаррар кардани нархҳои беасос баланд ё сунъӣ паст мусоидат намуда, ба истеъмолкунандагон зарар расонанд, онҳоро аз молҳои дастрас ва босифат маҳрум кунанд ва ба соҳибкорони дигаре, ки ба иштироки баробар дар равандҳои бозорӣ талош мекунанд, осеб расонанд, ки ин зарурати танзими қатъии ҳуқуқиро барои ҳифзи адолати иқтисодӣ ва некӯаҳволии ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Ин ба сифати молу хизматрасонии пешниҳодшаванда таъсири манфӣ мерасонад. Субъектҳое, ки ба фаъолияти инҳисорӣ машғуланд, нархҳои молҳои худро бидуни дарназардошти нархҳои рақибон муайян намуда, имкони муқаррар кардани нархҳои аз ҳад баландро ба даст меоранд. Дар натиҷа, тиҷорати озод маҳдуд шуда, муқаррар кардани нархҳои воқеии бозорӣ имконнопазир мегардад.

Дар ин ҳол, амалҳои инҳисорӣ метавонанд дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амалҳои мувофиқашуда, ки рақобати солимро коҳиш медиҳанд, зоҳир шаванд ва ин ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ, баробарии иштирокчиёни бозор ва манфиатҳои истеъмолкунандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Амали мувофиқашуда созишномаест, ки ба созишномаҳои асосёфта ба мутақобилаи мустақим ё ғайримустақим байни корхонаҳо (аз ҷумла пешниҳод ё мубодилаи иттилоот) мувофиқат намекунад. Ҳадаф ё натиҷаи чунин амалҳо таъсир ба рафтори дигар иштирокчиёни бозор буда, метавонанд имкониятҳои онҳоро маҳдуд карда, ба рушди рақобати бовиҷдонона монеъ шаванд ва ба рушди иқтисодӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон зарар расонад. Суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ дошта амалҳои яктарафаест, ки дар он субъекте, ки дар бозор бартарият дорад, аз қудрати худ барои саркӯб кардани рақобат истифода бурда, шароити нобаробар

эҷод мекунад ва ба дигар иштирокчиёни бозор зарар мерасонад, ки ин зарурати назорати қатъии ҳуқуқиро барои ҳифзи озодии соҳибкорӣ ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъкид мекунад. Мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар бозор ҳамчун ҳолати субъекти хоҷагидор тавсиф мешавад, ки ба ӯ имкон медиҳад ҳаракати намуди муайяни мол ё хизматрасониро дар бозори мушаххас муайян кунад ва ҳамзамон монеаҳои назаррас барои иштирокчиёни наве, ки мехоҳанд ба ин муҳити бозорӣ ворид шаванд, эҷод намояд, ки ин гуногунии пешниҳодҳо ва навовариҳоро маҳдуд карда, танзими бодиққатро барои нигоҳдории тавозун талаб мекунад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» таърифи дақиқи қонунгузории мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ки масалан, қобилияти хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагидорро аз бозори мол дар бар мегирад, мавҷуд нест, ки ин номуайянӣ дар заминаи ҳуқуқӣ эҷод карда, муқобилаи самаранок бо амалияҳои инҳисориро мушкил месозад ва зарурати фаврии муосирсозии қонунгузориро барои таъмини муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии ҷомеа таъкид мекунад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки ин номуайянӣ бояд бо ворид кардани таърифи мавқеи ҳукумфармоӣ дошта бартараф карда шавад [1-М].

2. Асоснок карда мешавад, ки истилоҳҳои «субъекти хоҷагидор» ва «субъекти фаъолияти соҳибкорӣ» якхела буда, шахсони ҳуқуқиро, аз ҷумла хориҷӣ, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин шахсони воқеиро, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо мақсади дарёфти фоида анҷом медиҳанд, дар бар мегиранд. Ин таъриф ба муайян кардани доираи иштирокчиёни бозор ва таъмини муносибатҳои одилонаи бозорӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, тасдиқ карда мешавад, ки гурӯҳи шахсон метавонанд ҳамчун субъектҳои фаъолияти инҳисорӣ баромад кунанд, аммо дар қонунгузории амалкунанда таърифи ягонаи «гурӯҳи шахсон» мавҷуд нест, ки метавонад боиси мушкилоти татбиқи ҳуқуқ гардад. Ба ақидаи муаллиф, гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагидор буда, аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бар асоси қобилияти назорат ва таъсири

мутақобила дар қонунгузорӣ ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор эътироф мешаванд, ки ин барои пешгирӣ аз амалҳои инҳисорӣ муҳим аст. Барои фаҳмиши дақиқи мафҳуми ҳуқуқии гурӯҳи шахсон ҳамчун падидаи зиддиинҳисорӣ шартҳои зерин заруранд:

Аввалан, гурӯҳи шахсон тавассути иттиҳоди доираи муайяни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо муносибатҳои расмӣ пайвастанд, ташаккул меёбад, ки рафтори баъзе иштирокчиёнро нисбат ба дигарон пешакӣ муайян мекунад ё замина барои чунин муайянсозӣ фароҳам меорад ва бо ин роҳ ба тартиб даровардани мутақобилоти бозорӣ мусоидат мекунад. Сониян, мавҷудияти ин робитаҳо заминаи ҳуқуқиро барои эътирофи ин иттиҳоди шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор фароҳам меорад, ки ин барои пешгирӣ аз таъсири манфӣ ба рақобати боинсоф ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аҳамияти калидӣ дорад.

Шомил кардани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба гурӯҳи шахсон бар асоси се хусусияти робитаҳои онҳо, ки чунин гурӯҳро ташаккул медиҳанд, сурат мегирад: а) робитаҳои молумулкӣ; б) муносибатҳои ташкилию сохторӣ; в) вобастагӣ ва ин хусусиятҳо барои муайян кардани нақши онҳо дар бозор ва пешгирӣ аз амалҳое, ки ба рақобат монеъ мешаванд, истифода мешаванд [3-М].

3. Бо дарназардошти ташаккул ва такмили заминаи меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудаанд, метавон ба якчанд марҳилаи калидӣ тақсим кард, ки ҳар кадоми онҳо дар ташаккули шароит барои рақобати бевиҷдонона ва шаффоф, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, инчунин тақвияти адолати иқтисодӣ нақши муҳим бозида, ба рушди устувори ҷомеа ва нигоҳдории имкониятҳои баробар барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ мусоидат намудааст.

а. Марҳилаи аввали ташаккул ва таҳаввули қонунгузорӣ, ки ба танзими рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ нигаронида шудааст, давраи аз соли 1991 то соли 1994-ро фаро мегирад. Дар ин давра, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва

маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 қабул шуда, заминаи ибтидоиро барои тартиб додани мутақобилоти бозорӣ эҷод кард.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо тақвият ва рушди заминаи меъёрӣ дар соҳаи рақобат ва муқобила бо амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, давраи аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила, санадҳои асосии қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул ва татбиқ шуданд, ки заминаро барои ташаккули муҳити рақобати бовиҷдонона ва шаффоф фароҳам оварданд, ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ, ки имкониятҳои бозориро маҳдуд мекунанд, мусоидат намуда, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро таъмин карданд, ки ба онҳо имкон дод аз молу хизматрасонии босифат истифода баранд, инчунин соҳибкоронро дар талоши онҳо ба иштироки баробар дар равандҳои иқтисодӣ дастгирӣ карда, дар маҷмуъ асосҳои бозори одилона ва рушди устувори иқтисодиро мустаҳкам намуданд.

в. Марҳилаи сеюм бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад [8-М].

4. Мавқеи ҳукумфармоӣ доштаи субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – таҳлил кардан мумкин аст, ки ҳар кадом дидгоҳи беназир дар бораи таъсири субъект ба муҳити рақобатпазир пешниҳод мекунад. Дар фаҳмиши маҳдуд, аҳамияти калидӣ ҳиссаи бозорест, ки субъекти иқтисодӣ ишғол мекунад ва бар асоси меъёрҳои қатъии қонунгузорӣ муайян карда мешавад, ки ба мақомоти танзимкунанда имкон медиҳад дараҷаи таъсири субъект ба равандҳои бозориро арзёбӣ намуда, чораҳо барои ҳифзи рақобати бовиҷдонона андешанд, имкониятҳои баробар барои дигар иштирокчиёнро таъмин кунанд ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро дар дастрасӣ ба молу хизматрасонии

гуногун дастгирӣ намоянд. Агар ин ҳисса аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд бошад, субъект ҳукумфармоӣ дошта эътироф мешавад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукумфармоӣ дошта аз ҷониби мақомоти судӣ бар асоси таҳлили имкониятҳои беназири субъект барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад.

Қайд карда мешавад, ки хориҷ кардани дигар иштирокчиён аз бозори мол ҳамчун нишонаи мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст. Муаллиф мувофиқи мақсад мешуморад, ки ин муқаррарот дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шавад.

Барои эътирофи субъекти хоҷагидор ҳамчун ҳукумфармоӣ дошта нишонаҳои зерин заруранд, ки барои таъмини муҳити шаффофи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор муҳиманд:

1) Мавҷудияти мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар бозор, ки ба субъект имкон медиҳад муносибатҳои бозориро идора кунад;

2) Бартарии назаррас дар истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулот, кор ё хизматрасонӣ, ки субъектро аз рақибон болотар мегузорад;

3) Ишғоли мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар бозори мушаххаси маҳсулот, кор ё хизматрасонӣ, ки ба субъект имкони таъсир ба шароити бозорро медиҳад;

4) Мавҷудияти мавқеи ҳукумфармоӣ дошта аз рӯи ҳиссаи бозори маҳсулоти мушаххас, ки назорат бар нархҳо ва муомилотро таъмин мекунад;

5) Муайян кардани субъект ҳамчун ҳукумфармоӣ дошта аз ҷониби мақоми зиддиинҳисорӣ, ки ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад.

Таъкид мешавад, ки мавқеи ҳукумфармоӣ дошта ба субъекти хоҷагидор афзалиятҳои зеринро медиҳад, ки метавонанд ба рақобати боинсоф таъсири манфӣ расонанд:

Аввалан, қобилияти субъекти хоҷагидор барои таъсири назаррас ба шароити умумии муомилоти маҳсулот дар бозори муайян ё эҷоди монеаҳо барои воридшавии дигар иштирокчиён ба ин бозор, ки баробарии субъектҳои муносибатҳои бозориро вайрон мекунад.

Соният, имкони хориҷ кардани дигар иштирокчиён аз бозори мушаххаси мол тавассути бартараф кардани рақибон, яъне субъектҳое, ки маҳсулоти монанд истеҳсол мекунанд, ки боиси коҳиши гуногунии пешниҳодҳо дар бозор мегардад.

Сеюм, мавҷудияти афзалиятҳое, ки монеъи дастрасии дигар субъектҳои хоҷагидор ба бозори муайяни мол мешаванд, ки имкониятҳои рушди рақобати боинсофро маҳдуд карда, ба манфиатҳои истеъмолкунандагон зарар мерасонад.

Чаҳорум, мавҷудияти хусусияти беназири мавқеи ҳукмфармоӣ дошта, ки ба субъект имкони таъсир ба муҳити рақобатпазири бозори мушаххаси молро медиҳад, ки метавонад боиси нобаробарӣ байни иштирокчиёни бозор гардад.

Панҷум, ҳиссаи назарраси бозор, ки аз ҷониби субъект назорат мешавад, яке аз омилҳои муайянкунанда ҳангоми муқаррар кардани мавқеи ҳукмфармоӣ доштаи он мебошад.

Шашум, мавқеи ҳукмфармоӣ доштаи субъект бояд расман аз ҷониби мақоми зиддиинҳисорӣ ё зерсохторҳои минтақавии он мутобиқи тартибҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ тасдиқ карда шавад, то шаффофият ва қонуният дар раванди муайян кардани чунин мавқеъ кафолат дода шавад.

Истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукмфармоӣ дошта дар бозор, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи чунин субъектҳо анҷом дода шуда, боиси заиф шудани рақобати боинсоф ва шаффоф мегардад, ҳамчун вайронкунии ҷиддӣ баррасӣ мешавад, ки асосҳои муҳити одилонаи бозориро вайрон карда, ба ҳуқуқи истеъмолкунандагон зарар расонида, дастрасии онҳоро ба молу хизматрасонии босифат маҳдуд мекунад, ки ин зарурати назорати қатъии мақомоти танзимкунандаро таъкид мекунад. Суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ дошта дар амалҳои яктарафа зоҳир мешавад, ки ба таҳкими мавқеи пешсаф дар бозор ва саркӯби қувваҳои рақобатпазир нигаронида шуда, шароити нобаробар барои дигар иштирокчиёни бозор эҷод мекунад, имкониятҳои онҳоро барои фаъолияти озоди иқтисодӣ маҳдуд карда, ба навоварӣ монеъ мешавад ва дахолати фаъолро барои барқарорсозии

адолат талаб мекунад. Дар ин робита, вазифаи таъмини рафтори ахлоқӣ ва масъулиятноки субъекти мавқеи ҳукмфармоӣ дошта, аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, то таъсири онҳо ба рушди бозор мусоидат кунад, на монеъ шавад. Қонунгузор ин вазифаро тавассути муқаррар кардани манъи қатъии амалҳое, ки аз доираи рафтори қобили қабул берун мераванд, ҳал мекунад, то имкониятҳои суиистифодаро маҳдуд созад, манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни бозорро ҳифз намояд ва муҳити устувори иқтисодиро, ки ба пешрафти ҷомеа мусоидат мекунад, дастгирӣ кунад.

Ҳамин тавр, суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ дошта ҳама гуна амалҳои субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукумфармоӣ доштаро дар бар мегирад, ки ҳарчанд бевосита ба пешгирӣ ё маҳдудсозии рақобат нигаронида нашуда бошанд, бо вуҷуди ин, ба манфиатҳои дигар иштирокчиёни бозор зарар мерасонанд [3-М].

5. Ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар манъи ҳамаи созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, ки хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд.

Қайд карда мешавад, ки мутобиқсозии таърифи картел, ки дар м. 7-и ин қонун зикр гардидааст, мувофиқи мақсад буда, мешавад ё картелро бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб муайян кард, то шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин гардад [13].

6. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба қатъ шудани ҳуқуқу уҳдадориҳо оварда намерасонад, балки танҳо интиқоли онҳоро аз як шахси ҳуқуқӣ ба дигаре таъмин мекунад ва ин раванд барои идомаи фаъолияти тиҷоратӣ мутобиқи қонунгузорӣ муҳим аст.

Азбаски азнавташкилдиҳии маҷбурӣ метавонад ба оқибатҳои ғайричашмдошт барои муҳити бозорӣ, аз ҷумла вайроншавии эҳтимолии тавозуни рақобат оварда расонад, барои қабули қарори судӣ дар бораи татбиқи он риояи қатъии

як қатор шартҳои ҳатмӣ зарур аст, ки таъсири манфиро ба соҳибкорон, дигар субъектҳои бозор ва манфиатҳои истеъмолкунандагон кам карда, ҳифзи муҳити одилона ва устувори иқтисодиро таъмин мекунад. Тартиби тақсимоти маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ ё ҷудокунии як ё якчанд сохторҳои мустақил аз таркиби он танҳо дар ҳолатҳои мушаххас амалӣ карда мешавад, то аз суиистифодаи чунин чораҳо пешгирӣ шуда, ҳуқуқи ҳамаи иштирокчиёни бозор ҳифз гардад ва эътимоди истеъмолкунандагон ба сифат ва дастрасии молу хизматрасонӣ дастгирӣ шавад:

1) Эҷоди сохторҳои нави мустақил дар доираи ташкилот зарур аст, то фаъолияти онҳо ба рушди рақобати солим ва таъмини баробарии иштирокчиёни бозор мусоидат кунад;

2) Сохторҳои нави эҷодшаванда набояд вобастагии мустақими технологӣ ё истеҳсолӣ аз воҳидҳои сохтории ташкилоти тиҷоратӣ дошта бошанд, бо шарте ки ҳаҷми маҳсулот, кор ё хизматрасоние, ки ин шахси ҳуқуқӣ истифода мебарад, аз 30%-и ҳаҷми умумии маҳсулот, кор ё хизматрасонии истеҳсолшуда аз ҷониби воҳидҳои сохтории ташкилот зиёд набошад, то мустақилияти онҳо таъмин гардад ва ба рушди бозори одилона мусоидат намояд;

3) Имкони фаъолияти мустақил дар бозори мушаххаси маҳсулот барои шахсони ҳуқуқие, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтаанд, бояд вуҷуд дошта бошад, то онҳо тавонанд бо дигар иштирокчиёни бозор баробар рақобат кунанд ва ба эҷоди муҳити шаффоф ва одилонаи бозорӣ мусоидат намоянд.

Шартҳои дар боло зикршуда, ки бар асоси даъвои мақоми зиддиинҳисорӣ асос ёфтаанд, барои таъсиси заминаи исбот дар парвандаҳои марбут ба тақсимот ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва қабули қарори дурусти судӣ оид ба моҳияти баҳс аҳамияти бузург доранд.

Ба ақидаи муаллиф, камбудии қонунгузорӣ дар набудани муқаррарсозии меъёрии мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурӣ» аст. Моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» дар таҳрири ҳозира ба талаботи муосири муқобилаи самаранок бо вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ пурра мувофиқат намекунад, ки номуайяниҳо дар танзим эҷод карда, зарурати

такмили онро барои таъмини назорати бештар самаранок бар амалияҳои инҳисорӣ таъкид мекунад. Дар ин робита, пешниҳод мешавад, ки ин модда бо меъёри алоҳида, ки механизми markdown азнавташкилдиҳии маҷбуриро муқаррар мекунад, пурра карда шавад, то воситаҳои мубориза бо иштирокчиёни ноинсофи бозор тақвият ёфта, асосҳои рақобати бовиҷдонона мустаҳкам гарданд [12-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

Бо мақсади такмили низоми қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти коҳиши фаъолияти инҳисорӣ дар бозори маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ тавсия дода мешавад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» таърифи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дохил карда шавад: Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ раванди ҳатмии ҳуқуқиест, ки ба таҳкими рақобати боинсоф ва шаффоф нигаронида шуда, бар асоси қарори суд оид ба тақсимот ё ҷудокунии шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукмфармоӣ дошта дорад ва борҳо амалҳои инҳисорӣ анҷом медиҳад, амалӣ мегардад, то муҳити бозори кушод ва динамикӣ ташаккул ёбанд, ки имкониятҳои баробарро барои ҳамаи иштирокчиёни бозор таъмин намуда, ташаббуси соҳибкориро дастгирӣ мекунад, манфиатҳои истеъмолкунандагонро ҳифз карда, ба онҳо дастрасӣ ба молу хизматрасонии босифат медиҳад ва ба рушди устувори иқтисодии ҷомеа мусоидат менамояд.

- Пешниҳод мешавад, ки ба м. 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи  ҳимояи рақобат» қисми 4 ҳамчун бахши алоҳида ворид карда шавад, то тартиби азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дақиқ муайян гардад, ки равандҳои марбут ба коҳиши фаъолияти инҳисорӣ дақиқ танзим шуда, роҳнамоии равшан барои мақомоти судӣ ва иштирокчиёни бозор фароҳам оварда шавад.
- Тавсия дода мешавад, ки дар таърифи ҳуқуқии «рақобати бевиҷдонона» пас аз ифодаи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ифодаи «принсипҳои ахлоқ ва адолат» пурра карда шавад, то ин мафҳум на танҳо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, балки арзишҳои ахлоқӣ ва одилонаро низ дар бар

гирад, ки барои ҳифзи эътимоди истеъмолкунандагон ва таъмини муносибатҳои шаффофи бозорӣ муҳим аст.

- Пешниҳод мешавад, ки ба м. 11-и Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» муқаррароти нав ворид карда шаванд, ки тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқие, ки бо дархости мақомоти зиддиинҳисорӣ бар асоси қарори суд таъсис ёфтаанд, дақиқ муайян кунанд, то равандҳои бақайдгирӣ шаффоф ва мутобиқи қонунгузорӣ бошанд ва аз норавшаниҳо дар амалия пешгирӣ шаванд.

- Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» меъёри мушаххасе пешбинӣ нашудааст, ки меъёрҳои мавқеи ҳукумфармоӣ доштаро, ба мисли қобилияти субъекти хоҷагидор барои хориҷ кардани дигар иштирокчиён аз бозори мол, дақиқ муқаррар кунад, ки ин метавонад дар раванди танзими амалияҳои инҳисорӣ мушкилот эҷод кунад. Ба ақидаи мо, ин номуайянӣ бояд бо ворид кардани таърифи дақиқи истилоҳи «мавқеи ҳукумфармоӣ дошта» бартараф карда шавад, яъне: «Мавқеи ҳукумфармоӣ дошта – ин истифодаи ғайриқонунии рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз бартариятҳои бозор муҳити рақобатиро маҳдуд карда, ба дигар субъектҳои хоҷагидор ва манфиатҳои истеъмолкунандагон зарар мерасонад», то рақобати боинсоф ва шаффофияти бозор таъмин гардад [8-М].

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Пулодзода, Ш.П. Субъекты и объекты монополистической деятельности в предпринимательстве [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Законодательство. – Душанбе, 2023. – № 2 (50). – С. 95-103, ISSN 2410-2930.

**[2-М].** Пулодзода, Ш.П. Понятие и формы недобросовестной конкуренции по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Вестник

Таджикского национального университета Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 241-252, ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор [Матн] / Ш.П. Пулодзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2024. – № 3 (35). – С. 108-125, ISSN 2414-9217.

**[4-М].** Рахимзода, М.З., Пулодзода Ш.П. Недобросовестная конкуренция: особенности правового регулирования [Текст] / М.З. Рахимзода, Ш.П. Пӯлодзода // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2023. – № 4 (32). – С. 118-129, ISSN 2414-9217.

**[5-М].** Раҳимзода, М.З., Пӯлодзода Ш.П., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол [Матн] / М.З. Рахимзода, Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – № 3 (51). – С. 105-110, ISSN 2305-0535.

**[6-М].** Раҳимзода, М.З., Пӯлодзода Ш.П., Маҷбуран тақсим ва ҷудо намудани ташкилоти тиҷоратӣ [Матн] / М.З. Рахимзода, Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. №3 (68). -С. 315-321, ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Оид ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – № 4 (52). – С. 190-195, ISSN 2305-0535.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[8-М].** Пулодзода, Ш.П. Законодательство Республики Таджикистан о конкуренции и ограничении монополистической деятельности [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Материалы международного научно-практического журнала ENGLLESS LIGHT in SCIENCE, посвященного 25 июля 2023 г. – Алматы, Казахстан, – С. 38-47.

**[9-М].** Пулодзода, Ш.П. Монополистическая деятельность как форма ограничения конкуренции [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Сборник статей республиканской научно-практической

конференции на тему «Проблемы земельного законодательства в современную эпоху» (13 октября 2023 года). – Душанбе, 2023. – С. 239-251.

**[10-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии Академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров. – 27.10.2023. Қисми 1. Ҳуқуқ, Иқтисодиёт – С. 153-158.

**[11-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Рушд ва дастгирии рақобат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию назариявӣ дар Мавзуъи "Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба таҷлили рузи ҳуқуқи инсон 5-уми декабри соли 2023. – Душанбе -2023.– С. 727-732.

**[12-М].** Пулодзода, Ш.П. Принудительное разделение и выделение коммерческих организаций [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Государственная независимость – основа укрепления правового государства», посвященной 33-й годовщине Государственной независимости Республики Таджикистан, 3 сентября 2024 года. – С. 481-491.

АКАДЕМИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ НАУК
ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА
ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА

На правах рукописи

УДК: 347.9 (575.3)
ББК: 67.404 (2Т)
П – 88

ПУЛОДЗОДА ШАХНОЗАБОНУ ПУЛОД

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОГРАНИЧЕНИЯ МОНОПОЛИСТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА РЫНКЕ ТОВАРОВ (РАБОТ, УСЛУГ) В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право

Душанбе – 2025

**Диссертация выполнена в отделе частного права Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Рахимзода Махмад Забир**, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, Деятель науки и техники Таджикистана. |
| **Официальные оппоненты:** | **Муртазозода Джамшед Сайдали** – доктор юридических наук, профессор, профессор кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета;<br>**Сидиков Дилшод Ахрорович** – кандидат юридических наук, дотсент кафедры гражданского права юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета. |
| **Ведущее учреждение:** | Таджикский государственный финансово-экономический университет (г. Душанбе). |

Защита диссертации состоится «02» декабря 2025 года, в $10^{\underline{00}}$ часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-018 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, зал диссертационного совета юридического факультета ТНУ).

Ознакомиться с содержанием диссертации можно на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2025 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета, кандидат юридических наук, доцент** **Кодиров Н.А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** После обретения государственной независимости Республика Таджикистан выбрала рыночную модель экономики. Следует отметить, что этот переход осуществлялся не от традиционной экономики, а от командно-административной системы с полной государственной собственностью на имущество и экономикой, находившейся под полным контролем государства. При этом переход к рыночной экономике в Таджикистане осуществлялся с учетом передового опыта развитых стран мира.

После достижения государственной независимости Республика Таджикистан приняла рыночную экономику. Правовая основа новой экономической системы закреплена в статье 12 Конституции Республики Таджикистан: «Государство гарантирует свободу экономической деятельности, предпринимательства, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, включая частную собственность» [1]. Для прогресса экономики конкуренция рассматривается как основа. Поэтому обеспечение конкуренции должно быть государственной гарантией. Одним из препятствий для обеспечения конкуренции является монополистическая деятельность.

Новая система законодательства Республики Таджикистан, в том числе антимонопольное законодательство развивалась в период независимости. Наряду с достижением национальной независимости наше общество стало свидетелем глубоких политических и экономических преобразований, которые напрямую повлияли на систему законодательства, в том числе антимонопольное законодательство. В этой связи сформировались новые правовые структуры, соответствующие требованиям нового времени и создавшие прочную основу для устойчивого развития государства.

Актуальность исследования правового регулирования ограничения монополистической деятельности на рынке товаров, работ и услуг обусловлена ее ключевой ролью в обеспечении экономического роста и устойчивого развития. Это направление напрямую воздействует на динамику экономических процессов, уровень конкурентоспособности и защиту прав потребителей. Когда отдельные компании или группы субъектов хозяйствования приобретают доминирующее

положение на рынке, они получают возможность манипулировать ценами, контролировать объемы производства и оказывать влияние на общую экономическую конъюнктуру, что влечет негативные последствия для потребителей и тормозит прогресс экономики в целом. Важно подчеркнуть, что, согласно положениям законодательства, монополистическая деятельность представляет собой результат целенаправленных действий хозяйствующих субъектов на рынке товаров, работ или услуг, которые подрывают принципы конкуренции в пределах этого рынка.

На рынке в качестве объектов рассматриваются товары, услуги и работы. Помимо произведенной продукции, важные факторы производства, такие как рабочая сила и капитал, также занимают особое место как самостоятельные рыночные элементы [5, с. 88].

Хозяйствующие субъекты, обладающие монопольным положением, препятствуют вхождению на рынок малых и средних предпринимателей, что приводит к снижению качества товаров и повышению цен.

Кроме того, ограничение монополистической деятельности важно для защиты интересов потребителей.

Другой аспект вреда монополистической деятельности заключается в том, что она снижает интерес внутренних и иностранных инвесторов к экономике страны.

Нормативное регулирование, направленное на пресечение монополистических практик в сфере торговли товарами, выполнения работ и оказания услуг, выполняет ключевую функцию в поддержании справедливой рыночной конкуренции и защите интересов потребителей. Однако правовые инструменты, используемые в Таджикистане для противодействия монополистическим проявлениям, до сих пор остаются недостаточно исследованными, что подчеркивает необходимость их глубокого и всестороннего анализа.

Значимость изучения вопросов, связанных с ограничением монополистического влияния и предотвращением недобросовестных конкурентных практик, обусловлена потребностью в осмыслении особенностей антимонопольной законодательной системы Таджикистана, выявлении конкретных пробелов, которые проявляются в ходе ее применения, и разработке предложений по ее модернизации. Такой подход позволит повысить эффективность

правоприменительной практики и создать более устойчивую основу для развития конкурентной среды.

Актуальность исследования также обусловлена тем, что именно в результате правового регулирования ограничения монополистической деятельности обеспечивается развитие конкуренции. Без монополистической деятельности не возникает необходимости в конкуренции, а экономика не развивается.

Научное и практическое изучение регулирования монополистической деятельности создает важную основу для продвижения экономического развития страны и играет эффективную и определяющую роль в совершенствовании национальной законодательной системы. Множество научно-практических аспектов данной проблематики заслуживает пристального рассмотрения. Речь идет о проблемах, связанных с незаконным использованием преобладающего положения экономическими субъектами на рынке, нормативным регулированием деятельности организаций, обладающих существенным влиянием, противодействием недобросовестным конкурентным практикам, контролем за процессами образования и объединения хозяйствующих субъектов, принудительным разделением или выделением коммерческих структур, а также соглашениями и координированными действиями, которые подавляют конкуренцию между участниками рынка, и другими связанными аспектами. Эти вопросы требуют тщательного анализа, так как их разрешение напрямую влияет на формирование справедливой и динамичной рыночной среды, способствующей экономическому росту и защите прав потребителей.

Поэтому комплексное изучение рассматриваемой проблемы имеет большое теоретическое и практическое значение. Вопросы правового регулирования ограничения монополистической деятельности в отечественной научной литературе не подвергались глубокому анализу.

В настоящее время правовое регулирование ограничения монополистической деятельности считается одной из необходимых и требующих исследования проблем, поскольку неясные аспекты и вопросы, оставшиеся вне рамок анализа, заметны на уровне законодательства и в деятельности государственных антимонопольных органов. Кроме того, все аспекты правового регулирования ограничения

монополистической деятельности в рамках науки предпринимательского права не были полностью изучены. Также не разработаны и предложены единая концепция и научные точки зрения по данной проблеме.

В этой связи изучение системы правового регулирования сокращения монополистической деятельности на рынках товаров, услуг и работ имеет особую значимость, а теоретический и практический анализ этой темы в условиях развития рыночной экономики для Республики Таджикистан является одной из важных и актуальных задач.

**Степень разработанности темы исследования.** Тема правового регулирования ограничения монополистической деятельности на рынке товаров (работ, услуг) является одной из тех, которые в области науки предпринимательского права Республики Таджикистан не получили должного анализа и исследования. Данная тема охватывает множество аспектов, отдельные из которых изучались рядом отечественных и зарубежных ученых. В Республике Таджикистан отдельного анализа по этой проблеме не существует. Отдельные аспекты темы исследовались отечественными и зарубежными учеными.

В диссертационном исследовании, посвященном правовому регулированию ограничения монополистической деятельности на рынке товаров (работ, услуг), использованы научные труды отечественных и зарубежных ученых: Д.А. Алешин [2, с. 496], А.И. Варламова [3, с. 170], К.Ш. Гаюрзода [4, с. 170], А.В. Золотухин [17, с. 34], А.К. Каримов [18, с. 137], А.С. Пулотов [6, с. 206], М.З. Рахимзода [7, с. 294], [8, с. 94], [9, с. 557], [10, с. 400], [11, с. 392], [12; 13], Д.Ш. Сангинзода [14, с. 424], Т.И. Султанова [15, с. 193], К.Ю. Тотев [16, с. 325], И.М. Шарипов [19, с. 176].

Однако проблемы правового регулирования ограничения монополистической деятельности на рынке товаров (работ, услуг) в качестве комплексного юридического исследования не рассматривались. В диссертации предпринята попытка решить требующие внимания вопросы в данной области посредством всестороннего анализа темы исследования.

